Соли маҳаллаи обод

# Шӯҳрати Равонак

Равонак яке аз мавзеъҳои кӯҳани ноҳияи Самарқанд буда, он аз ҷануб бо деҳаи Найзатеппа, аз самти Шарқ бо деҳаи Шӯрбой, аз Ғарб бо деҳаи Андиҷонӣ ва аз самти Шимол бо деҳаи Кӯтарма ҳамҳудуд мебошад. Худи Равонак чӣ маънӣ дорад?

Ба ин суоли мо раиси кумитаи ҳамин мавзеъ мӯсафеди тақрибан 65-сола Абдурауф Раҳмонов ва дӯсти деринаамон, омӯзгори хандонрӯ Остон Хайриев чунин ҷавоб доданд:

—Назар ба ақидаи собиқ сокини ифтихории ҳамин сарзамин маорифпарвар Эшони Алӣ Равонак маънии «раванда»-ро дошта, Самарқандро бо ҷануби мамлакат—шаҳри Термиз мепайвастааст. Дар асри гузашта корвонҳои пурбори аспу шутур аз ҳамин ҷо, яъне Роҳи Бузурги Абрешим сӯи ҷануб ҳаракат мекардаанд...

Бале, Равонак мавзеи таърихист. Мардуми Равонак хизматҳои беназири собиқадорони ҷангу меҳнат шодравон доктори илми филологӣ, профессор Холиқ Мирзозода, Бердӣ Раҳматзода, Гадойқулака Тӯраев, Мираббос Аминҷонов ва мӯсафедони хоксору хушгуфтор рӯҳашон шод бод—Ҳасанмуродбобо, Ҳотамбобо, Нарзиқулбобо ва сулолаи маорифпарварон Амонуллоев, Қулизода ҳамчунин Фузайловҳоро ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Онҳо дар роҳи маърифатнокшавии бошандагони ин маҳал тамоми дониш ва маҳорати касбии хешро ба кор бурдаанд. Зеро онҳо нағз медонистанд, ки ашхоси соҳибилму соҳибҳунар дар ҳеҷ давру замон хор намешавад.

Тавре ки дар боло зикр намудем, Равонак яке аз мавзеъҳои кӯҳантарини ноҳияи Самарқанд ба шумор меравад. Агар фақат ба таърихи сохта шудани масҷиду намозгоҳҳои ин ҷо назар афканем, ба ин гуфтаҳо бори дигар боварии комил ҳосил менамоем. Масалан, се масҷиди таърхие, ки дар ин ҷо вуҷуд дорад, тақрибан дусад сол муқаддам қомат рост кардааст. Дар айни вақт бино ва намозгоҳҳои масҷидҳои номбурда боз обод гардида, ба ҷои ҳақиқии тоату ибодати намозгузорон табдил ёфт.

Мардуми Равонак аз замонҳои пеш бо ҳунармандию чорводорӣ, ҷувозкашию зироатпарварӣ машғуланд. Аҳолӣ дар зарфи солҳои тӯлонӣ дар ин самт таҷрибаи бой ба даст овардааст. Аз ҷумла, саркори ҷувозкашон Ҳусенбобо, Ҳасанбобо, Қурбонбобо, Ҳомидбобо ва чанде дигарон дар байни аҳолӣ обрӯву эҳтироми хосса доштанд. Деҳқонони фидокор-дорандаи чандин ордену ифтихорномаҳо Абдухолиқбобо, Баҳриддинбобо, Ҷунайдбобо, Авулбобо, Абдуллобобо, Ваҳҳоббобо, собиқ раиси хоҷагии «Қизил қаҳрамон»—Бӯрӣ Мухтор ва монанди инҳо барои баланд бардоштани ҳосили зироатҳо, ҳамчунин равнақи ин соҳа муваффақ шуданд...



## Нигоҳе ба имрӯзу дирӯз

— «Соли 2003—соли маҳаллаи обод» эълон гардиданашро бошандагони мо ҳам хуш пазируфтанд,—мегӯяд раиси кумитаи маҳаллаи Равонак, мӯсафеди хоксору хушгуфтор Абдурауф Раҳмонов.—Ин бесабаб нест, албатта. Аввало маҳалла ин хонаи дуюми мост. Маҳаллае, ки ободу зебо, кӯчаҳояш ҳамвору шабона чароғон, атрофаш боғу бӯстон бошад, ба кӣ маъқул нест?

Ба муносибати Соли маҳаллаи обод дар мавзеи мо ҳам як қатор корҳои неку ибратбахш ба сомон расонда шуд. Чунончи, Рустам Шарифови усто барои клуб-чойхонаи маҳалла кати чӯбини хубе сохт. Атрофи масҷид бошад, бо панҷараи назаррабо зинат дода шуд. Баҳори соли ҷорӣ дар атрофи клуб-чойхона ва қад-қади роҳ ҷамъ зиёда аз ҳазор бех ниҳоли дарахтони сояафкан, чорсад бех ниҳоли боровар ва 500 бех гулҳои рангоранг шинондем. Бо мадади моддии инсони саховатпеша—оилаи Ҳабибовҳо ба масофаи қариб як километр роҳи идораи маҳалла мумфарш карда шуд.

Дар айни вақт дар маҳаллаи Равонак 3 ҳазору 623 нафар аҳолӣ, ё худ 723 оила бо ҳам аҳлона умр ба сар мебаранд. Дар байни онҳо ягон бор «тую мангӯӣ» нашудааст. Мабодо рух диҳад, роҳбарон ва фаъолони маҳалла ба мобайн даромада аз паи муросо мешаванд. Мӯсафедони мо дар сари дастархон аз худои меҳрубон фақат ду чиз: тани сиҳату хотири ҷамъ, дили беғам ва амониву арзониро металабанд...

Мусоҳиби мо, раиси кумита Абдурауф Раҳмонов дуруст мегӯяд. Дар он ҷое, ки адлу инсоф ороминву осудаҳолӣ ҳаст, пешравӣ ҳам, тараққиёт ҳам мешавад.

Дар маҳаллаи Равонак давомдиҳандагони боифтихори кори падарону бобоён хеле зиёданд. Ба инҳо Маликбобо Маҷидов, Раббимбобо Тӯраев, Давронака Ҳасанов, Норака Қосимов, Ғаффор Ҷӯрақулов, Мӯҳсинҷон Неъматов, Хушбахт Абдуҳамидов, Зоҳир Яҳёев инсони закитабъу соҳибилм, донандаи моҳири забони модарӣ ва арабӣ Тӯрабек Искандарӣ ва чанде дигарон мисол шуда метавонанд. Рафиқони номашон дар боло зикршуда илму дониш ва таҷрибаи бои ҳаётии худро ба гӯши наврасону ҷавонони маҳалла мерезанд.

Бошандагони Равонак мисли маҳалҳои дигари ноҳия санаҳои таърихӣ ва идҳои миллии мардумро бо тайёрии шоиста ва дар савияи баланд мегузаронанд. Имсол ҳам идҳои қадимии Қурбон, Наврӯз, Рӯзи хотира ва қадршиносӣ—9-уми май ва ғайра бо иштироки фаъоли мӯсафедону ҷавонони маҳалла хубу марғуб гузашт. Боварӣ дорем, ки ин тадбирҳо ба аҳамияти калони тарбиявӣ молик мебошад.

Вақтҳои охир дар деҳаи Равонак қисми зиёди тӯю маъракаҳо бе харҷи зиёдатӣ хеле хуш мегузарад. Даст кашидан аз харҷҳои бемавридро вазъи имрӯзаи иқтисоди бозор ҳам тақозо менамояд. Тӯё маъракаҳо бо тиловати имом-хатиби маҳалла Аминҷон Ҳафизов оғоз меёбад...

Педагоги маҳалла Соня Муқимова, котиба Зебо Баракаева гоҳ-гоҳ ба зану духтарон дар хусуси оиласозӣ сӯҳбат мекунанд. Онҳо ба бонувону наврарӯсон роҳҳои барқарории осоишу оромии хонадонро маънидод ва тарзи ҳаёти солимро пешниҳод мекунанд. Аз ин боис вақтҳои охир низоъҳои оилавӣ ва беасос ранҷондани якдигар барҳам меёбад. Тарбиятгар—педагоги маҳалла Соня Муқимова якҷоя бо фаъолони худ ҳамкориро бо занону духтарон боз ҳам устувор кардаанист. Зеро чунин тарзи кордорӣ ба ҷуз манфиат зиёне намеорад.

Дар таъмини осоиши сокинони Равонак ҳамчунин ҳиссаи нозирони милитсия хеле калон аст. Дар айни вақт Тархунбек Искандаров посбони сазовори ҳамзистии бофароғати сокинони маҳалла ба шумор меравад. Ҳамаи 6 нафар нозир бо сарварии лейтенанти калони милитсия Талъат Тағоев шабу рӯз дар роҳи нигаҳдории оромиву осоиши маҳалла софдилона кор мекунанд.

Дар солҳои истиқлол дар мавзеи Равонаки ноҳияи Самарқанд ҳам дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд. Дараҷаи накӯкорӣ ба аҳолӣ назар ба пешина хеле боло рафт. Дар айни вақт ба сокинони деҳа нонвойхона, се дӯкони гӯшт, ду мағозаи тасарруфи давлатӣ ва якчанд нуқтаҳои савдои хусусӣ ошхонаи боҳашами «Равонак» ҳамчунин устохонаи таъмири радио ва телевизор, сехи дӯзандагӣ, сартарошхона, нуқтаи таъмири пойафзол ва ғайра ба вуҷуд омад.

## Ғамхорӣ меафзояд

Президенти ҷумҳуриамон солҳои охир ба ривоҷу равнақи физкултура ва спорти бачагон эътибори махсус медиҳанд. Аз ин рӯ, бачагон бо намудҳои мухталифи варзиш машғул шуда, бардаму бақувват мегарданд. Аз ҷумла, ҳоло 30 нафар бачагон таҳти роҳбарии фарзанди асили ҳамин мавзеъ Шавкат Ҳасанов дар толори варзиши коллеҷи ҳунармандии деҳа сирру асрори гӯштингириро ёд медиҳад. Бачагон ҳафтае се маротиба ба машқгоҳ меоянд. Мақсади онҳо дар оянда гӯштингирони номӣ шудан аст.

Назар ба гуфти раиси кумитаи маҳалла ва фаъолони он оиди ривоҷ додани спорт тадбирҳои зиёдеро меандешанд...

Хулоса,ояндаи мавзеи кӯҳани Равонак мунаввар аст. Тароваату латофати онро мардуми хоксору саховатпешааш таъмин хоҳад кард.

**Абдурафиқ САНГИНОВ.**

Аз таҷрибаи омӯзгор

# Як дарси Норбибӣ

***Норбибӣ Назарова 25- сол инҷониб муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби ҳамагонии рақами 14-и ноҳияи Узун мебошад. Дар ноҳия чун омӯзгори пуртаҷриба шӯҳрат дорад. Шогирдонаш дар соҳаҳои гуногун адои хизмат мекунанд.***

***Ӯ ҳар як дарсашро бо аёниятҳо ва тайёрии ҳартарафа мегузарад. Чун раҳбари иттиҳодияи услубӣ устоди омӯзгорони ҷавон аст.***

***Ҳоло намунаи як дарси ӯро аз фанни математика бароятон пешкаш мекунем.***

Муаллима мавзӯи «Тақсими бақиядор»-ро бо ҳалли мисолу масъалаҳои 1038-1042 бо иштироки фаъолонаи хонандагон гузаранд. Ҳамаи мисолу масъалаҳои додашуда иҷро гардиданд. Дар охири дарс бо мақсади мустаҳкам намудани доираи фикрронии хонандагон аз чистонҳои математикӣ истифода намуд. Хонандагон даҳнафарӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, дар ёфтани ҷавоби чистонҳои якдигар қувваозмоӣ мекунанд.

Сардори гурӯҳи якум гурӯҳи дуюмро ба бозӣ даъват мекунад.

**—Ёрон-ёрон, эй ёрон**
**—Лаббай сардори пурдон!**
**—Канӣ, бозӣ сар шавад,**
**Ба ҳариф зафар шавад.**

Сардори гурӯҳи дуюм чистон мегӯяд:

**—Чорраҳаи бемошин**
**Ҷои рафтан надорад.**
**Дар чор фасли сол дар ин**
**Барфу борон наборад.**
**Чу ёбӣ ин аломат,**
**Панҷе ояд ба номат.**

Қандил: —Ҷавоби ин чистон амали ҷамъ аст.

Аъзои гурӯҳи якум Шаҳноза чистон мегӯяд:

**Касбу кори вай**
**Дар ҳалли амал**
**Ғорат карданӣ**
**Анбори маҳал.**

Акбар —аъзои гурӯҳи дуюм:—Ҷавоби ин чистон амали тарҳ аст.

Аз гурӯҳи дуюм Мирзо чистон мегӯяд:

**Чун холи ҳинду**
**Ояд бар амал.**
**Амал физояд**
**Бо ҷаҳду ҷадал.**

Нозигул:—Ҷавоби ин амали зарб аст.

Анора:— аъзои гурӯҳи якум:

**Дугонаҳои содда**
**Қадам ба пеш ниҳода**
**Дари анбор кушоянд**
**Халқро даъват намоянд.**
**Пас аз адои мерос**
**Дар васфи он сароянд.**
**Касе ёбад аломат,**
**Доим бошад саломат**

Баҳром:—Ин амали тақсим аст.

Гулнора:

**Аз се яки он**
**Баробари бист,**
**Бигӯ, ҷӯраҷон**
**Ин ченаки чист?**

Гулмоҳ: —60 дақиқа.

Гулшан: —Аз се яки он
**Баробари ҳашт.**
**Рафта имрӯз он**
**Боз пагоҳ баргашт.**

Хуршеда: —1 Шабонарӯз

Ҳамин тариқ, хонандагон доир ба аломат ва ададҳои гуногун чистонҳо гуфтанд.

Аз гурӯҳи якум Хуршеда чистоне мегӯяд ва ҳамсинфонашро ба фикр кардан водор месозад:

**Як даҳони кушода**
**Садто дандонча дорад,**
**Дандонҳоро ҷунбонӣ,**
**Ӯ ҳеҷ парво надорад.**
**Шумори ин дандонҳо**
**Аз як то миллионҳо.**

Анора: —Ҷавоби ин чӯти ҳисоб аст.

Хонандагон доир ба амалҳои мураккаб низ чистонҳо медонанд.

Хуллас, дарси яксоатаи муаллима бо чунин услуб гузашт. Аз овардани шеъру чистонҳои дигар худдорӣ кардам.

Муаллима дар охири дарс мусобиқаро ҷамъбаст намуда, ғолибонро табрик намуда, баҳои муносиб мегузорад. Ӯ фанни риёзиро бо адабиёт алоқаманд намуда, бо ин роҳ барои инкишоф додани нутқи даҳонии хонандагон кӯшиш намуд.

Ҳар як дарси муаллима Норбибӣ Назарова чунин шавқовару пурсамар мегузарад. Хонандагони ӯ дар соли хониши гузашта синфи сеюмро бо муваффақият хатм намуданд. Аз 22 нафар хонанда 7 нафараш бо баҳои аъло, 13 нафараш хубу аъло мехонанд. Танҳо ду нафар баҳои қаноатбахш доранд. Махсусан хониш, забони модарӣ ва математикаро хуб аз худ кардаанд. Сифати донишомӯзӣ 85 фоизро ташкил намуд. Ҳамаи ин самараи ҷустуҷӯ ва меҳнати муаллимаи эҷодкор мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар давоми солҳои гузашта аз байни шогирдонаш аз ҳар як синф 5-6 нафарӣ соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Дар соли хониши сипаришуда низ хонандагонаш мактаби миёнаро хатм намуданд. Аз инҳо панҷ нафарашон дар коллеҷ ва литсей таҳсил мекунанд.

Хонандагони синфи болоии дигараш дар синфи ҳаштум хоҳанд хонд. Дар байни онҳо низ аълочиён зиёданд.

Толибаи синфи чорумхонаш Ганҷина Ҳамроева дар озмуни ноҳиявии «Сухандонони наврас» ва олимпиадаи забони модарӣ ҷои аввалро гирифт.

Ҳамаи ин комёбиҳо маҳсули меҳнати пурмашаққати муаллима Норбибӣ Назарова мебошад. Ӯро дар мактаби рақами 14-и ноҳияи Узун чун омӯзгори пуртаҷриба ва меҳнатдӯсту эҷодкор эҳтиром менамоянд.

**Ӯғулой ҶӮРАБОЕВА,**
**ноҳияи Узун.**

# Таассуроти меҳмонон

## Меҳмоннавозии беҳамто

Рӯзҳои фестивали «Таронаҳои Шарқ» Ўзбекистон бори дигар дорои имконияти бузург будани худро оиди гузарондани тадбирҳои калони байналхалқӣ намоиш дод. Ба ин фестивали IV байналхалқӣ, ки дар шаҳри Самарқанд—шаҳри Амир Темур анҷом ёфт, мисол шуда метавонад.

Бешубҳа ташкили ин гуна тадбири калон кӯшиши як қатор муассисаҳои давлатиро тақозо мекунад. Дар Ўзбекистон барои намояндагони 34 мамлакати Шарқ ва Ғарб тамоми шароити зарурии фаъолиятронӣ муҳайё карда шуд. Дар мамлакати Амир Темур ва дигар мутафаккиру олимони шинохта гузаронда шудани фестивали мазкур шоистаи таҳсин аст. Зеро онҳо дар инкишофи маданияти ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Иҷозат диҳед ба халқи Ўзбекистон ва Президенти ҷумҳурӣ, ки ҳомии инкишоф ва тараққиёти маданият ва санъат мебошад, миннатдории самимии худро изҳор намоям.

Ҳар як иштирокчии фестивали навбатӣ аз санъати мусиқӣ ва сурудҳое, ки дар он иҷро карда шуданд ва аз дидани ҷойҳои таърихӣ ва ёдгориҳои Самарқанди бостонӣ ва аз он меҳмоннавозие, ки нисбати санъаткорон нишон дода шуд, таассуроти амиқ гирифта, ҳангоми баргаштан ба диёри худ аз хусуси таассуротҳояшон самимона нақл хоҳанд кард.

**Муҳаммад САЛАМА,**
**журналист, муҳаррири рӯзномаи «Ал-Сиёсӣ»-и Миср.**

## Иди байналхалқӣ

Ман бори дуюм аст, ки дар фестивали байналхалқии «Таронаҳои Шарқ» якҷоя бо аъзоёни ансамбли давлатии Тоҷикистон— шашмақоми ба номи Фазлиддин Шаҳобов ширкат варзидам. Бори аввал мо соли 1999 иштирок карда ҷои фахрии дуюмро ба даст оварда будем. Ба ин бо маҳорати баланди сурудхонии таронахонамон Озода Ашӯрова муяссар гашта будем.

Фестивали мазкур иди ҳақиқии байналхалқии маданиятҳо мебошад. Ба ман маҳорати баланди мусиқорону ҳофизони мамлакатҳои ҷаҳон, ки чанд рӯз дар Самарқанд бо баромадҳои худ ҳамаро моту мабҳут сохтанд, хуш омад. Иштирок дар ингуна иди санъат барои ҳар як ҷамоа ва эҷодкор нафъи калон дорад.

Оғози ботантанаи фестивали IV «Таронаҳои Шарқ» фаромӯшнопазир буд. Он нисбат ба фестивалҳои пешина аз ҷиҳати ташкилию ороиш, иҷрои санъаткорон фарқ мекунад.

(Давомаш дар саҳ.4).

Ахлоқ

# Мероси ин тоифа магар кӯзаи тиллост?!

12 сол боз аз меваҳои ширини дарахти мустақилӣ баҳра мебардорем. Тамоми боигариҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии кишвар аз они худи мост ва ба манфиати мардум хизмат мекунад. Давлати мо сиёсати дохилӣ ва беруниро мустақилона мебарад. Бахту тақдири мо ҳам дар дасти худи мо аст. Якпорчагии кишвар ва дахлнопазирии сарҳадҳои он таъмин гардидааст. Шукри Парвардигор, ки халқи сермиллати Ўзбекистони маҳбуб орому осоишта аст ва риштаҳои дӯстиву рафоқат дар байни мардум сахту маҳкам мебошад.

Дар давоми ин солҳо корҳои бузурги бунёдкорӣ ба рӯи об бароварда шуданд. Баҳри ободию фаровонии мамлакат саъю ҳаракатҳои бемислу монанд ба амал бароварда мешаванд. Ислоҳот самараи худро медиҳад. Қиёфаи шаҳру деҳаҳо дигаргун мешавад. Зиндагии мардум ҳам ба беҳбудӣ рӯ меоварад.

Аммо баъзе ҳолатҳои номатлуб ҳам содир шуда истодааст, ки касро ба фикру андеша кардан водор месозад. Зуҳуроти манфӣ, ки дар ҷомеамон мавҷуданд, сабаби ранҷурии одамон мешаванд. Мо ҳам хуб идрок мекунем, ки калиди тамоми муваффақиятҳо меҳнати ҳалол асту бас. Ба ҳамагон маълум аст, ки бе меҳнат роҳат муяссар намешавад. Бузургон ҳам беҳуда нагуфтаанд: «то ранҷ набарӣ, ганҷ барнагирӣ». «То дона парешон накунӣ, хирман барнадорӣ». Даромади аз паси меҳнат ҳосилгардида ҳалолу покиза аст. Ва ба зурриёти инсон ҳам таъсири мусбӣ мерасонад.

Вале дар солҳои охир ашхосе пайдо шуданд, ки дар ягон ҷо кор накарда, соҳиби ягон корхонаи хусусӣ нагашта, бо ягон намуди тадбиргарӣ машғул нашуда, қасрҳо месозанд, мошинҳои сабукрав мехаранд, тӯйҳои бодабдаба медиҳанд. Аммо ҳеҷ кас намедонад, ки ин тоифа одамон меҳнат накарда, аз кадом ҳисоб сарватманд мешаванд. Агар аз ҳосили меҳнати ҳалол бошад, хонаву ҷой сохтан, соҳиби мошинҳо шудан, доро гаштан ягон айбе надорад, албатта. Вале бо чӣ кор машғул будани давлатдорро касе кордор нашавад, қаллобию фиребгарии онро ошкор накунад, ин ҳолат рафта-рафта ба оқибатҳои бад оварда намерасонад магар? Аз ҳама бадаш дили мардум аз кор кардан хунук мегардад, дасти онҳо ба кор намеравад, лоқайдию бефарқӣ авҷ мегирад, нопокию беадолатӣ боло меравад...

Қаллобию фиребгарию ришвахӯриро чун тадбиргарӣ маънидод кардан нашояд. Тадбиргарию корчаллонӣ дигар асту қаллобию фиребгарӣ тамоман чизи дигар. Ин яке ҳалолкориву меҳнатдӯстӣ бошад, он дигаре муфтхӯриву нопокист. Вақти он расидааст, ки ин ду чизи ба ҳамдигар зидро ҷудо карда тавонем ва ҳар дуро як чиз нагӯем. Охир сохтани қасрҳои мӯҳташам ва харид кардани мошинҳои сабукрав осон не, худ аз худ намешавад. Масалан, мошини сабукрави «Нексия» 10 млн.сӯм арзиш дошта бошад, барои харидани он, яъне барои дарёб кардани ин миқдор пул 50 сар модагови ҳар якаш 200 ҳазорсӯмӣ лозим аст. Дар деҳаи мо 5-6 нафар соҳиби «Нексия» мебошанд, аммо бо чӣ кор машғул будани онҳоро касе намедонад. Дар хоҷагиашон аз 5-6 сар зиёд чорво ҳам надоранд. Пас аз куҷо ин маблағҳоро соҳиб шудаанд? Ба онҳо наход аз бобою бобокалонҳояшон кӯзаи пур аз тилло мерос монда бошад?

Ин хел воқеаҳо рӯз то рӯз меафзояд. Ба фикри мо, ин хел ҳолатҳои номатлубро ба ҳисоб гирифтан, ҳисобу китоб кардан зарур аст.

Мо давлати демократии ҳуқуқбунёд барпо мекунем. Асоси давлати ҳуқуқбунёдро устувории қонун ташкил мекунад, яъне дар назди қонун аз коргари оддӣ сар карда то сарвари давлат—ҳама баробар, ҳама ба қонун бояд риоя кунад.

Президентамон дар баромадҳои худ таъкид карда меоянд, ки меъёри адолат вайрон нашавад, ба адолати иҷтимоӣ риоя бояд намуд. Мардум кор карда муздӣ корашро гирифта наметавонад, аммо ашхосе дар ҳеҷ ҷо кор накарда соҳиби «Нексия» мешаванд, хонаву ҷой месозанд. Ин адолат аст магар?

**Хушвақт УМРУЛЛОЕВ,**
**ноҳияи Бекобод.**



*2 сентябри соли 2003 барои кулли хонандагони синфи якум рӯзи фараҳбахш ва фаромӯшнопазир буд. Баъзеи онҳо ду карат шод буданд. Аз ҷумла **Виталий Стулин**, ки бори аввал по ба зинаи мактаби рақами 176-и ноҳияи Яккасарои пойтахт ниҳодааст. Вай рӯзи истиқлоли Ўзбекистон ба дунё омадааст.*

**Аксбардор: В.ГРАНКИН.**

## Баҳрабардорӣ аз обектҳои нав

Дар ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Сирдарё ба шарафи солгарди дувоздаҳуми истиқлолияти мамлакатамон се обекти нави таъиноти иҷтимоӣ ба истифода супурда шуд. Дар деҳаи Ққрғонтеппа пункти тиббии деҳот кушода шуд. Аз бинои барҳаво утоқҳои ташхиси умумӣ, касалиҳои дарунӣ, ҷарроҳӣ, гинекология, духтури дандон ҷой гирифтанд.

Дар иттиҳодияи фермерии ба номи Ф.Узоқов 450 нафар хонанда дар коллеҷи нави кишоварзӣ ба машғулот пардохтанд.

Инчунин кормандони милитсияи ноҳия ҳам ба бинои нав кӯчида гузаштанд.

**ЎзА.**

# Мовароуннаҳр — ватани муҳаддисон

Вақте дар хусуси номвартарин муҳаддисони олами ислом сухан меравад, пеш аз ҳама Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ ба хотир мерасад. Ин зоти шарифро дар қатори онҳое, ки номи табаррук доранд, бо эҳтироми тамом ба ёд меоранд.

Ӯ ҳадисҳои аз ҳама боварноки паёмбари исломро ҷамъ намудаву китоб карда, дар илми ҳадис роҳи нав кушодааст. Вай суханони ҳикматомези паёмбарро на танҳо ба хотир нигоҳ медошту ба коғаз сабт мекард, ҳамчунин он ҳарфҳои пурҳикматро, ки фаровон буданд, ба сараву носара, ба асосноку шубҳаомез ҷудо менамуд. Бо зеҳну фаросати асил нишон медод, ки кадоме аз онҳо ҳақиқатан ҳам суханони муборaки паямбаранд.

Имом Бухорӣ, ҳамин тавр, тамоми умри худро ба ҷамъ кардани ҳадисҳо бахшид. Муҳаққиқон тахмин менамоянд, ки вай беш аз 700 ҳазор ҳадисро ҷамъ оварда ва дар хотир нигоҳ медоштааст.

Имом Бухорӣ пайваста сафар мекард, дар Миср, Хуросон, Сурия, Алҷазоир ва ҳоказо бо садҳо муҳаддисон вохӯрд, аз аҳли илм сабақ омӯхт, ҳадисҳоеро, ки аз забони донишмандон мешунид, ба амиқӣ омӯхт ва он чӣ ҷамъ овард, боварнокҳояшонро ба мавзӯъҳо, бобҳо ҷудо карда, дар китобҳо сабт намуд.

Яке аз машҳуртарин китобҳои ӯ «Ал ҷомиъ-ас-саҳеҳ» ном дорад, яъне «Маҷмӯи боварнок». Дар ин китоб 7275 ҳадиси паёмбари ислом гирд омадааст.

Маънии луғавии «ҳадис» хабар, сухан ё худ феълу атвор аст. «Ҳадис» ва «суннат» аксаран як маъниро ифода менамоянд. Яъне, сухан, ақида, баён ва фармудаҳои паёмбари ислом «ҳадис» ё худ «суннат» гуфта мешаванд.

Ифтихор

Вале ҳангоми ҳаёт будани ҷаноби Пайғамбар гирд овардани ҳадисҳояшон расм нашуда буд, зеро он зоти шариф мегуфтанд: «Аз ман ҷуз Қуръони Карим чизи дигарро сабт нанамоед».

Саҳобагон воқеаю ҳодисаҳои ибратангези марбут ба Расулуллоҳро дар хотир нигоҳ медоштанд. Вақте саҳобагон низ як-як аз олам мегузаштанд, лозим омад, ки он ҳадисҳо сабт карда шаванд. Ҷамъ овардану сабт намудани ҳадисҳо, ҳамин тариқ, бо амри халифа Умар ибни Абдулазиз аз ҷониби ноибони вай шурӯъ карда шуд.

Гурӯҳи калони олимону донишмандон умри азизи худро ба ҷамъ овардани он ҳадисҳо бахшиданд. Дар олами ислом, ҳамин тавр, ҷамъ овардани ҳадис ва омӯхтани он ба сифати илми алоҳида ташаккул ёфт.

Ҳадис, баъди Қуръони Карим, дуввумин манбаъ ва ҳуҷҷати мӯътабар ҳисоб меёбад, ки дар он асосҳои Ислом мунъакис аст.

Муҳаддисон бешуморанд. Вале ба сифати пири муҳаддисон фарзанди Мовароуннаҳр—ҳамватани бузургамон Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухориро эътироф кардаанд, ки дар боло номи ӯро бо ифтихор зикр намудем.

Воқеан, дар баррасии илми ҳадис, тафсир, фиқҳ ва тасаввуф дигар ҳамватанонамон низ муваффақ гардида ва ифтихори Машриқзамин қарор гирифтаанд, аз қабили Имом ал-Ҳайсам Шошӣ, Иброҳим ибни Маъқил-ан-Насафӣ, Муҳаммад-ан-Насафӣ, Ҳофиз ал-Хоразмӣ, Ҷамолиддин-ан-Насафӣ, Абу Мансур Мотрудии Самарқандӣ, Имом Абулҳасан Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Самарқандӣ, Муҳаммад Калободии Бухороӣ, Азиздини Насафӣ, Имом Исо Тирмизӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Бурҳониддин Марғинонӣ ва ҳоказо.

**Г.ШОДИЕВА.**

